آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

4 декабри соли 2024 Чоршанбе № 97 (15108)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ИМКОНИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА ТАҲЛИЛ ГАРДИДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 3 декабр оид ба чорабиниҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, беҳсозии минбаъдаи муҳити сармоягузорӣ ва фазои соҳибкорӣ дар вилояти Фарғона ҷамъомад баргузор намуд.

Дар натиҷаи эътибор ба иқтисодиёти минтақаҳо дар ин ҷо низ имконоти нав фароҳам меоянд. Дар ҳафт соли охир дар вилояти Фарғона теъдоди корхонаҳои саноатӣ қариб се баробар афзуда, ба 13 ҳазор расид. Ба туфайли татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ 116 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд оварда шуд.

Сафари роҳбари давлат моҳи июли соли ҷорӣ ба рушди иқтисодиёт такони нав бахшид. Дар даҳ моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми сармояи хориҷӣ 1,5 миллиард, содироти минтақавӣ 910 миллион долларро ташкил намуд.

Дар соли оянда низ суръат набояд паст гардад ва миқдори сармоя, ҷойи кор, ҳаҷми содирот зиёд гардад. Дар ҷамъомад Президент ба имконоти мушаххас дар ин самт ишора намуд.

Ба қарибӣ минтақаи озоди иқтисодии «Қӯқанд» аз ҳисоби шаҳри Қувасой ба 210 гектар зиёд карда шуд. Дар ин ҳудуд имкон дорад, ки 185 лоиҳа бо қимати умумии 1 миллиард доллар ҷойгир намуда, қариб 12 ҳазор ҷойи кор фароҳам оварда шавад. Инчунин ташкили технопарк дар 71 гектар дар Қӯқанд дар марҳилаи аввал имкон медиҳад, ки ба миқдори 900 миллион доллар корхона ташкил намуда, 5 ҳазор ҷойи кор фароҳам оварда шаванд.

Бо тоҷирони Чин муоҳидаи сармоягузорӣ ба миқдори 1 миллиард доллар, бо Куриёи Ҷанубӣ ба миқдори 240 миллион доллар ба вуҷуд омадааст. Барои татбиқи онҳо дар ноҳияву шаҳрҳои вилоят дар майдони 1210 гектар минтақаҳои саноатӣ бояд ба вуҷуд оварда шавад. Дар корхонаҳои нав 30 ҳазор нафар бо кор таъмин гардида, дар байни онҳо намояндагони оилаҳои нодор низ соҳиби кор мегарданд.

Дар ноҳияи Бешариқ сохтмони маркази тиҷоративу логистикӣ сар шудааст. Вай ба минтақаи озоди савдо, мисли ин ки дар Тирмиз фаъолият дорад, табдил хоҳад ёфт, мағозаҳо ба соҳибкорон ба иҷора дода мешаванд. Дар натиҷа ба содироти вилоят 50 миллион доллар изофа гардида, миқдори ҷойҳои кор ба 2 ҳазор меафзояд. Чунин маҷмӯаро дар шаҳри Қувасой низ сохтан мумкин аст.

Дар соҳаи хоҷагии қишлоқ низ имконоти васеъ вуҷуд дорад. Дар ихтиёри аҳолии вилояти Фарғона 91 ҳазор гектар замини бекор мавҷуд аст. Онҳо бояд босамар истифода гарданд, тавлиди маҳсулот ва азнавкоркарди он афзояд.

Барои мисол, дар 15 маҳаллаи ноҳияи Фарғона соле 6 ҳазор тонна малина парвариш карда мешавад. Соҳибкоре пешниҳод намуд, ки арзиши изофааш 2,5 маротиба зиёд карда шуда, нигоҳдорӣ, азнавкоркард ва зарфбандии малина роҳандозӣ гардад, агар дар ҳудуди наздик замин дода шавад, ин ҳама имконпазир мегардад. Дигар соҳибкори ташаббускор мехоҳад майдонҳои бешаро дар ноҳияи Сӯх ба иҷора гирифта, дар 800 гектар сунбул ва дар 50 гектар заъфарон парвариш кунад.

Аз тариқи дар 9 километр хобондани қубур ба 2 истгоҳи насос дар Олтиариқ ва афзудани иқтидори онҳо дар майдони 1400 гектар, имкон таъсиси боғи интенсивӣ фароҳам меояд. Дар ин ҳудуд барилова 55 ҳазор тонна маҳсулоти содиротбоб парвариш кардан мумкин.

Дар ҷамъомад ҳокими вилояти Фарғона нақшаҳои худро доир ба истифодаи чунин имконот тақдим намуд. Аз он ҷумла, соли оянда ҷалб намудани 3,7 миллиард доллар сармоя ва то 1,5 миллиард доллар расондани содирот ба нақша гирифта шудааст. Вазифаи бо кор таъмин намудани 500 ҳазор шаҳрванд ва аз нодорӣ халос намудани 22 ҳазор оила гузошта шудааст.

Роҳбари давлат супориш дод, ки ин пешниҳодот такмил дода шуда, қарор дар самти рушди иқтисодиёти вилоят таҳия карда шавад. Дар баробари ин ба ногузирии фароҳам овардани тамоми шароит барои содиргарон, ҳамдастӣ барои бо кор фаро гирифтан ва коҳиш додани бекорӣ ишора гардид. Ба аҳамияти баланд бардоштани масъулияти ҳокимон ва дигар шахсони соҳибмансаб дар ин самт ишора гардид.

ЎзА.

ШАҲРВАНДОНИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ХОРИҶ ЭҲСОС МЕКУНАНД, КИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТ ПУРЗЎР МЕГАРДАД

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 17 октябри соли 2024 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба танзими равандҳои фаъолияти меҳнатӣ дар хориҷи кишвар» аз назари ҳамватанон

Яке аз самтҳои чунин фаъолият расонидани кумаки ҳуқуқӣ ва хизмати консулӣ ба шаҳрвандони Ӯзбекистон мебошад. Дипломатҳо дар ҷойҳое, ки аҳолӣ зич зиндагӣ мекунанд, қабули сайёри консулӣ баргузор намуда, барои дастгирии ҳуқуқӣ ва консулӣ дар маҳалҳо кумак мерасонанд.

Аз ҷумла, дипломатҳои Ӯзбекистон ба шаҳри Роттердами Нидерландия ташриф оварда, ба шаҳрвандони Ӯзбекистон хизматрасониҳои зарурии ҳуқуқӣ расонда ва маслиҳатҳо дода, онҳоро бо нуқтаҳои асосии қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 17 октябри соли 2024 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба танзими равандҳои фаъолияти меҳнатӣ дар хориҷи кишвар» шинос намуданд.

Хабарнигори АИ «Дунё» бо ҳамватаноне, ки барои қабули консулӣ омада буданд, суҳбат орост.

Ҳусниддин ХОЛБОЕВ:

– Айни замон бо оилаам дар шаҳри Роттердам зиндагӣ мекунам. Мо қарори Президент Шавкат Мирзиёевро «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба такмили равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва дастгирии шахсоне, ки фаъолияти муваққатии меҳнатиро дар хориҷи кишвар анҷом медиҳанд» бо хушнудӣ қабул намудем. Ин ҳуҷҷатро ӯзбекистониёне, ки дар кишварҳои хориҷӣ кор мекунанд, дер боз интизор буданд.

Мо эҳсос мекунем, ки дастгирии давлат устувор шудааст. Дипломатҳои мо мунтазам қабулҳои сайёри консулӣ баргузор мекунанд, ки дар он ҷо мо метавонем маслиҳат гирем, ҳуҷҷатҳои заруриро омода намоем ва мушкилоти мавҷударо ҳал кунем. Ба муносибати идҳои миллӣ барои ӯзбекистониён чорабиниҳои тантанавӣ ва консертҳо ташкил карда мешаванд, ки дар он мо – ҳама метавонем ҷамъ оем, аз суҳбат, мусиқӣ ва таомҳои ӯзбекӣ лаззат барем. Бузургтарин шодӣ аз он аст, ки мо сарфи назар аз он ки аз Ватан дур ҳастем, таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ эҳсос мекунем.

Барои ҳамаи ин мо миннатдории самимии худро ба Президенти кишвари худ Шавкат Мирзиёев, Вазорати корҳои хориҷӣ, инчунин ҷамоаи сафорати худ изҳор менамоем.

Убайдулло ИБРАҲИМОВ:

– Ман зодаи вилояти Намангони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳастам. Дар айни ҳол дар ширкати «MMBS GROEP» дар шаҳри Утрехти Нидерландия кор мекунам. Тавассути хидмати интерактивии сафорати Ӯзбекистон дар масъалаи гум кардани шиноснома муроҷиат кардам. Баъд аз муддате, аз корманди консулӣ паём гирифтам, ки ҳуҷҷат омода аст ва шаҳодатнома барои бозгашт ба Ӯзбекистон ба ман рӯзи 24 ноябр дар рафти қабули консулӣ, ки дар шаҳри Роттердам баргузор шуд, супурда шуд.

Мо ба Сафорат барои ғамхорӣ ва муттаҳид сохтани ҳамватанон изҳори миннатдорӣ мекунем. Ин вақте ки шумо дур аз хонаи худ ҳастед, хеле муҳим аст.

Мо миннатдорем, ки дар интихоботи парлумонии Ӯзбекистон ҳуқуқҳои конститутсионии худро амалӣ кардем. Дар шаҳрҳои Утрехт ва Роттердам участкаҳои сайёри интихоботӣ кушода шуданд ва мо тавонистем пешакӣ овоз диҳем. Ҳамчунин, ба дипломатҳо барои ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва бозиҳои футбол бо иштироки ҳамватанон изҳори ташаккур мекунем.

Айша САМАД:

– Ман аллакай се сол аст, ки дар Нидерландия зиндагӣ мекунам. Азбаски писари калониам дар Ӯзбекистон таваллуд шудааст ва муҳлати шиносномаи ӯ гузаштааст, ба сафорат барои иваз кардани шиноснома муроҷиат кардам. Ҳамчунин, вақти гирифтани шиноснома барои писари дуюмам, ки дар Нидерландия таваллуд шудааст, расида буд. Дипломатҳои сафорат шиносномаҳои фарзандони моро омода карданд ва онҳоро ба шаҳри Роттердам оварданд. Мо барои ин хеле миннатдорем.

Бахтиёр ТӮРАЕВ:

– Ман дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудаам. Соли 2012 ба Украина кӯчидам. Аз сабаби ҷанг дар Украина маҷбур шудам ба Нидерландия кӯч бандам.

Аз сабаби ба охир расидани муҳлати шиносномаам, ба сафорати Ӯзбекистон муроҷиат карда, барои иваз кардани шиноснома дархост додам. Ба шуъбаи консулгарии сафорат барои хидматрасониҳо изҳори сипос мекунам. Тавонистам шиносномаи нави худро дар Роттердам, дар рафти қабули сайёри консулгарӣ гирам. Барои чунин имкониятҳо миннатдории худро баён мекунам.

АИ «Дунё»,
ш. АМСТЕРДАМ.

Фармон ва иҷро

КӮЧАҲОЕ, КИ АҲЛИ МАҲАЛЛАРО ҲАМҶИҲАТ КАРДА, МЕҲМОНОНРО ДАР ҲАЙРАТ МЕГУЗОРАНД

Дар кишвари мо барои рушду нумӯи варзиш ҳама гуна имкониятҳо муҳайё мебошанд. Мақсад – тарбияи насли солиму рӯҳан қавӣ. Аз ин раванди хурсандиовар деҳоти дурдасти кишвар низ бархурдоранд. Чанде пеш хабар дода будем, ки назди мактаби шумораи 21-уми деҳаи Соб ва мактаби шумораи 10-уми маҳаллаи «Авазсой»-и ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ ду майдони болопӯши футбол ба баҳрабардорӣ супурдааст.



Субҳ. Мардум аз хонаи бисёрошёна шитобон баромада, ба истгоҳи автобус меравад. Шом. Зери нурҳои чароғҳои шабона парвонаҳо бозӣ мекунанд. Одамон аз кор баргашта, аз роҳрави танг гузашта, ба ҳалқаи оилаашон мешитобанд.

Барои инсон чизи зиёд лозим нест. Агар дар Ватан оромӣ ҳукм фармуда, кори дӯстдошта ва оилаи хушбахт дошта бошад, кофист. Аммо одамон ба аз ин бештар сазоворанд. Саъй намудан ба ин як раванди табиист.

Мо бо суратгир дар кӯчае, ки аз ҳудуди маҳаллаҳои Янги турмуш, Ташаббус ва Янги умеди ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт мегузарад, қарор дорем. Ин кӯчаи гастрономӣ дар ҳамоҳангӣ бо дигар тағйиротҳои ноҳия қиёфаи нав ба бар мекунад.

Дар ин ҷо ҳайкалҳое, ки замонавият ва миллӣ будanro ифода мекунанд, фаввораҳо, нишастгоҳҳо ва чароғҳо насб карда шудаанд. Роҳравҳои пиёдагарду велосипедронӣ бунёд шудаанд. Дар атроф, дар доираи лоиҳаи «Макони сабз», гулҳо ва буттаҳо шинонда шудаанд.

– Кӯдакиам дар ҳамин ҷо гузаштааст, – мегӯяд Қодирота Фозилов. – Дар шашҳафт соли охир тамоми маҳалла симои нав гирифт. Ҷойҳое, ки шикор кардан мумкин буд ва кӯчаҳои танг дигар намонданд. Танҳо дар атрофи ҳамин кӯча панҷоҳшаст хонаи бисёрқабата ҳаст. Ба ин ҷо нақлиёти ҷамъиятӣ ва истгоҳҳои метро низ расидааст. Хулоса, равуокунандагон бисёр аст. Акнун, тасаввур кунед, ин ҷо чӣ гуна серодам шудааст – ҳар рӯз даҳҳо чорабиниҳои идона баргузор мешаванд. Вақте мебинед, ки мардум бо фарзандонашон сайругашт ва шодӣ мекунанд, шод мегардед.

Кӯчаҳои гастрономӣ мардумро муттаҳид мекунанд. Онҳо ба майдони мулоқот бо дӯстон ва аъзои оила табдил меёбанд. Бисёре аз ҷавонони маҳалла бо ҳамин баҳона соҳиби кор шуданд. Масъулон мегӯянд, кӯчаи мо боз ҳам ободу ба маскани имконияткояш зиёд табдил хоҳад шуд. Ба ин суханҳо бовар дорем.

12 январи соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба фармон «Дар бораи чораҳои ба таври назаррас зиёд намудани ҷараёни сайёҳони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ва вусъат бахшидани туризми дохилӣ» имзо карда буд.

Мутобиқи ин ҳуҷҷат, корҳо барои афзудани шумораи маконҳои сайёҳӣ ва васеъ кардани хидматрасониҳо, ки минтақаҳоро бо ҳам мепайванданд, идома доранд. Амалӣ шудани ин чораҳоро метавон дар мисоли ҳамин кӯча низ мушоҳида кард.

Ёдовар мешавем, ки дар маҳаллаи Гулбозори ноҳияи Шайхонтоҳури пойтахт низ чунин кӯча ташкил шуда буд. Аз ин кӯча, ки дар назди бозори Чорсу ҷойгир аст, дар ҳамаи фаслҳои сол сайёҳони хориҷӣ мегузаранд.

Аз ин рӯ, ин ҳудуд ба хидматрасониҳои сайёҳӣ ихтисос дода шуд. Дар кӯча ва хонаҳо симои қадимии пойтахт ҳифз гардида, шароити иловагӣ фароҳам оварда шуд. Ҳоло ин макон низ ба яке аз манзилҳои муҳими сайёҳии пойтахт табдил ёфтааст.

Ташкили кӯчаҳои хидматрасонӣ ва гастрономӣ дар ҳудудҳо яке аз омилҳои муҳим барои ҳамқадами замон будан аст. Чунин лоиҳаҳо на танҳо шаҳрҳоро ҷаззоб мегардонанд, балки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро низ ҳавасманд мекунанд. Фароҳам овардани муҳити қулай, замонавӣ ва ҷолиб барои аҳолӣ яке аз асосҳои ислоҳоти кунунии мост.

Икром АВВАЛБОЕВ,
мухбири ЎзА.
Суратгир: Н. ҲАЙДАРОВ (ЎзА).

БОЗ ЯК ИМКОНИЯТ БАРОИ РУШДИ ВАРЗИШ

Инак, дар назди мактаби рақами 25-уми деҳаи Оқтепаи маҳаллаи «Авазсой» низ майдони футболи болопӯш ба истифода супурда шуд. Дар ифтитоҳи майдони футбол ҷонишини ҳокими ноҳия Шӯҳрат Вафоев, аҳли деҳа ва меҳмонон аз деҳоти ҳамсоя иштирок намуданд. Зимни суханронӣ Ш. Вафоев, мӯйсафеди нуронӣ М. Ҳайдаров, толибилм Б. Бозоров ва дигарон ҳозиринро бо навиди хуш муборакбод намуда, ҷонибдории худро аз сиёсати пешгирифтаи Саркори давлат изҳор намуданд.


Барои рушду равнақи тарбияи ҷисмонӣ ва рӯҳбаландии ҷавонони деҳа боз як имконият муҳайё гардид.

Майдони футбол бо маблағи «Бучети шаффоф» бунёд гардидааст.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

КОНСТИТУТСИЯ ВА ЯЧЕЙКАИ АСОСИИ ҶАМЪИЯТ

Ячейкаи асосии ҷамъият ҳисобида шудани оила ба ҳамаамон маълум. Муносибати Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба оила ва масъалаҳои оилавӣ дар моддаҳои ҷудогонаи он равшан ба зуҳур омадааст. Дар Сарқонун, минҷумла, зикр ёфта, ки оила ҳуқуқ дорад дар муҳофизати давлат ва ҷамъият қарор дошта бошад.



Оила ва никоҳ то андозае мафҳумҳои якдигарро пурракунанда мебошанд. Яке аз вазифаҳои муҳим дар ҳаёти шахс – мустаҳкам нигоҳ доштани оила ва дарки муқаддасоти он мебошад. Никоҳ низ аз рукнҳои муқаддас буда, ба далолатномаи он дар асоси соҳибихтиёрӣ аз ҷониби онҳое, ки оила барпо карданианд, имзо гузошта мешавад.

Халқи мо бо гузаштаи пуршаъни хеш – арзишҳои маънавию миллиаш ифтихор дорад. Боз як арзиш мавҷуд аст – арзиши оилавӣ. Ин арзиш, айни замон, дар рӯзҳои мо батадриҷ қадру қимати ба худ хос пайдо менамояд. Шаҳрвандонамон дар ҳаёти шахс то чӣ андоза нақши муҳим доштани хушбахтии оилавиро торафт амиқтар ҳис менамоянд. Вале фақат дар вазъи осуда будани мамлакат, таҳкими сулҳ ва бехатарию ҳамҷиҳатӣ шахс дар оила худро хотирҷамъу хушбахт ҳис карданаш мумкин. Бо ифодаи дигар, мустаҳкамии пояҳои оилавӣ ба амният дар кишвар вобастагӣ дорад.

Алъон нооромӣ ва ҷанг дар қисмате аз мамлакатҳои дунё, зиёда аз ин, боиси ташвиш ва нигаронии ҳамагонест, ки дар қитъаҳои гуногуни олам умр ба сар мебаранд.

Яке аз вазифаҳои муҳими падару модарон ва мактаб тарбияи насли наврас дар рӯҳи оилдорӣ – омода намудани фарзандон ба ҳаёти хонаводагист. Албатта, падару модарон, фарзанди ҳанӯз ба балоғат нарасида, ғами ояндаи ӯ – ҳаёти мустақилонаи оилавиашро мехӯранд, зеро медонанд оиладорӣ то чӣ андоза масъалаи ҷиддӣ ва масъулиятталаб аст. Ҳар модаре, ки духтар дорад, аз пайи ҷамъ кардани ҷиҳоз аст. Хонадорсозии писар ва умуман чорабиниҳои оилавӣ маблағ металабад ва падарро водор месозад тарафҳои иқтисодӣ ва харҷу сарфҳои тӯю сурро аз эътибор дур нанамояд. Вале баробари омодагии моддӣ омодагии маънавӣ хеле зарур. Хусусан насли ҷавон танҳо дар вазъи болиғии маънавӣ метавонад оянда масъулияти томи оиладориро ба дӯш гирад ва ба оила саробон гардад.

Мутаассифона, баъзе падару модарон дар масъалаи хонадоркунии фарзанд танҳо ғами молу пул ва сарфу харҷот, базму зиёфатҳоро мехӯранду халос. Ба масъалаи аз назорати тиббӣ гузаронидани хонадоршавандагон низ аз паси панҷа менигаранд. Ё фикр мекунанд ин гуна масоиле, ки ба никоҳу оила марбутанд, худ аз худ ҳал шуда мераванд.

(Давомаш дар саҳ.2).

8 декабр – Рӯзи Қонуни Асосӣ

КОНСТИТУТСИЯ – ҚУТБНАМОИ ЗИНДАГОНӢ

Вожаи «Конститутсия» калимаи лотинии умумиэътирофшудаи байналмилалӣ буда, маънои муайян намудан, муқаррар намудани асосҳои низоми сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа, принсипҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, низоми мақомоти ҳокимият, ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсонро ифода менамояд.

Рушди устувор ва босуботи ҷомеа ва инкишофи бемайлони сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояю ҳифзи онҳоро тақозо менамояд, ки меъёрҳои Конститутсия такмил дода шуда, ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон 8 декабри соли 1992 қабул гардид. Рушди устувори ҷамъият, омилҳои зикргардида, мутобиқ намудан ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ӯзбекистон эътирофгардида, тақозо намуданд, ки Конститутсияи Ӯзбекистон дар таҳрири нав қабул карда шавад.

Лоиҳаи таҳрири нави Конститутсия ба муҳокимаи умумихалқии ҷумҳурӣ пешниҳод гардид. Дар таҳлил ва муҳокимаи таҳрири нави Конститутсияи Ӯзбекистон шаҳрвандони мамлакат фаъол иштирок намуданд, беш аз 220 ҳазор таклифу пешниҳодҳо тақдим гардид. Таҳрири нав зимни раъйпурсии умумихалқӣ 30 апрели соли 2023 қабул гардид. Мусаллам аст, ки пурсиш пеш меояд, таҳрири нави Конститутсия аз Конститутсияи 8 декабри соли 1992 чӣ тафовут ва афзалият дорад? Ба ин пурсиш бо овардани се далел қаноат мекунем.

Аввалӣ, Конститутсияи соли 1992 иборат буд аз муқаддима, 6 қисм, 26 боб ва 128 модда, Конститутсия дар таҳрири нав иборат аст аз муқаддима, 6 қисм, 27 боб ва 155 модда.

Дувум, ин интихоботи вакилони Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва шӯроҳои депутатҳои халқи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо мебошад, ки 27 октябри соли равон баргузор гардид. Маротибаи аввал дар таърихи Ӯзбекистон интихобот ба Палатаи қонунгузорӣ бо истифода аз низоми омехтаи интихоботӣ, ки намояндаи мажоритарӣ ва мутаносибро бо ҳам мепайвандад, баргузор шуд. Интихобкунандагон 75 вакилро интихоб карданд ва 75 нафари дигар аз рӯйи овозҳои ҳизб интихоб шуданд.

Сеюм, тибқи Конститутсияи соли 1992 ҳокими вилоят ва ноҳия дар айни ҳол раиси Шӯрои вилоятӣ ва ноҳиявии намояндагони халқ интихоб мегардид. Ҳоким ба ҳайати Шӯро ҳисобот медиҳад. Намояндаи халқ ба роҳбари худ эътироз карда наметавонист. Дар таҳрири нави Конститутсия ба ин ҷараён хотима дода шуд. Раиси Шӯрои намояндагони халқи вилоятӣ ва ноҳиявӣ аз байни намояндагони халқ интихоб карда мешавад ва ин раванд аллакай дар амал татбиқ гардидааст.

Зикри як нуктаи дигарро раво дидам. Дар моддаи I таҳрири нави Конститутсия мехонем: Шакли идораи Ӯзбекистон ҷумҳурият буда, давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ мебошад. Шояд на ҳар шаҳрванд моҳият ва аҳамияти ибораи «Давлати ҳуқуқбунёд»-ро хуб дарк кунад, ки ҳамаи муносибатҳои шаҳрванд ва давлат дар он инъикос ёфтааст. Дар сурати надонистани моҳияти ин ибора кас дар зиндагӣ бисёр нороҳатӣ мекашад.

Бо мақсади бунёд намудани давлати ҳуқуқбунёд ҳуқуқ ва демократияро ба ҳам пайвастан зарур аст. Барои ин ба вуҷуд овардани заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ зарур аст. Бе баланд бардоштани сатҳи иқтисодиву иҷтимоии ҳаёти ҷамъиятӣ, муҳайё намудани шароит барои ривоҷи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва кафолати риояи онҳо, масъулияти давлат дар назди шаҳрванд, шаҳрванд дар назди давлат муҳимтарин омил аст. Дар давлате, ки ҳуқуқи шаҳрвандон поймол карда мешавад, зӯроварӣ ва таҳдид ба ҳаёти шаҳрвандон ҷой дорад, давлати ҳуқуқбунёд сохтан мумкин нест. Шаҳрвандон ҳам бояд вазифа ва ӯҳдадорӣ, шаъну шараф, ҳуқуқ ва озодиҳои худро хуб дарк ва эҳсос намуда, қонунҳои давлатро эътироф, риоя ва ҳурмат намоянд. Дар онҳо бояд маданияти ҳуқуқӣ ташаккул ёфта бошад. Ҳамаи қонунҳо мутобиқи Конститутсия қабул карда мешаванд. Конститутсия қутбнамои зиндагию фаъолияти шаҳрвандон ва сохтору идораи кишвари азизамон мебошад. Мо бояд пеш аз ҳама Конститутсияи кишварамонро хуб омӯзем, моҳияти ҳар як моддаи онро дарк ва эҳсос намоем, қонунҳои дар он замина қабулшударо мунтазам омӯзем. Дар ҳамин сурат маданияти ҳуқуқии худро ташаккул медиҳем.

Бояд дарк кард, дар давлати ҳуқуқбунёд бартарии ҳуқуқ ва волоияти қонун таъмин аст. Арзиши олӣ дошtани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати онҳо низ нишонаи давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Чунонки дар боло зикр намудем, масъулияти байниҳамдигарии давлат ва шаҳрванд таъмин бошад.

Нишонаи дигари давлати ҳуқуқбунёд, тақсими ҳокимият ба мақомоти қонунгузор, иҷроия ва суд мебошад. Ин ҳама дар таҳрири нави Конститутсияи Ӯзбекистон қутбнамои сохтори давлатдорӣ, рушду нумӯъи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳо, фаровонӣ ва осоиштагии шаҳрвандони кишвар мебошад.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Маълум, ки Сурхондарё дар ҷумҳурӣ аз зумраи вилоятҳои калон маҳсуб ёфта, бо се кишвар: Афғонистон, Тоҷикистон ва Туркманистон ҳамсарҳад аст. Пас, барои омаду рафти бемамониати сайёҳон, ё худ хидматрасонии воситаҳои нақлиёт роҳ ва шоҳроҳҳои равону ҳамаҷониба мусоид лозим аст. Дар ин самт баъзе корҳо ба сомон расонида шуданд, вале барҳақона эътироф бояд кард, ки шоҳроҳҳое, ки аз ҳудуди вилоят мегузараду бо ин кишварҳо мепайвандад то ҳол ба талаби стандартҳои ҷаҳонӣ пурра ҷавобгӯ намебошанд. Хушбахтона, баъди ташрифи охирини Президент Шавкат Мирзиёев дар ин раванд корҳо суръати нав гирифт. Баҳри боз ҳам суръат гирифтани ин масъалаи умдаи рӯз 26 ноябри соли ҷорӣ дар вилоят Кумитаи роҳҳои нақлиёти Ӯзбекистон барои ходимони ВАО ва блогерҳо пресс-тур ва анҷумани матбуотӣ доир сохт.

РОҲҲО РАВОНУ ҲАМВОР МЕШАВАНД

Пресс-тур дар қади шоҳроҳи М39, ки аз ноҳияи Шеробод мегузарад, бо шиносоӣ аз ҷараёни ниҳолшинонӣ дар заминҳои холӣ, ки барои амалӣ намудани лоиҳаи умумимилии «Макони сабз» ташкил гардида буд, оғоз гардид. Дар мавсими тирамоҳи соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки майдонҳои холии ду тарафи ин шоҳроҳ, ки масофааш 61 км асту аз байни навоҳии Тирмиз, Ангор, Музработ ва Шеробод убур мекунад, тахту ҳамвор карда, аз сангрезаҳо тоза намуда, ба онҳо хоки нарм рехта, дарахтони манзаравӣ, гулҳои рангоранг шинонида шавад. Танҳо аз дарахтони манзаравӣ 300 ҳазор ниҳол бояд шинонида шавад.

Шоҳид гардидем, ки дар ин самт роҳсозони вилоят ҳам ҳудуди барояшон вобасташударо аз сангу шағал тоза намуда, хоки ҳосилхез рехта ба шинонидани дарахтони манзаравӣ пардохтаанд. Оиди иштироки фаъоли роҳсозони вилоят дар лоиҳаи умумимилии «Макони сабз» маълумоти васеъ дода шуд. Рӯзноманигорон низ дар ҳашари ниҳолшинонӣ ширкат намуда, дар бунёди боғҳои қади роҳ ҳисса гузоштанд.

– Дар ин ҷо 3 ҳазору 500 бех ниҳоли арча, тут ва чинор мешинонем, – гуфт роҳбари Саридораи роҳҳои нақлиёти вилоят Баҳодур Ҳотамов. – Бо усули борон обёрӣ карданро ба роҳ мемонем. Барои тез ва босифат амалӣ намудани ин кор аз 7 корхонаи саридора зиёда аз 200 нафар коргар ва аз ин ҳам зиёд техника ҷалб карда шудааст.

Тазаккур бояд дод, ки дар болои дарёи Шеробод қариб 60 сол муқаддам пуле бунёд ёфта буд, ки он шоҳроҳи Шерободро бо ноҳияҳои Қизириқу Бандихон, Ҷарқӯрғону истгоҳи роҳи оҳани Сурхон мепайваст. Ин пул баъди беҳад зиёд шудани воситаҳои нақлиёти сабукраву боркаш ҳоло ба талаб ҷавобгӯ нест. Дар ду ҷониби ин пул бисёр вақт тирбандшавии воситаҳои нақлиётро мушоҳида мекунед. Барои бартараф кардани ин муаммо ва таъмини бехатарӣ ҳоло пули наве, ки ҳам мустаҳкаму ҳам васеъ аст, аз нав бунёд ёфта истодааст.

Дар ҳамин маврид таъкид кардан ҷоиз аст, ки бо ташаббуси Президент дар вилояти Сурхондарё барои таъмир ва тармими роҳҳои нақлиёт корҳои вусъатнок амалӣ шуда истодааст. Мувофиқи қарори раҳбари давлатамон аз 4 апрели соли 2022 «Дар бораи чораву тадобири амалисозии лоиҳаҳои таъмир ва тармими роҳҳои нақлиёт бо иштироки Бонки рушди Осиё» роҳҳои нақлиёти «4Р105 Дарбанд – Бойсун – Элбаён» ва 4Р100 Мангузор – Ҷарқӯрғон – Бандихон – Олтинсой – Деҳнав ҳоло таъмир ва тармим мегардад.

Ҳамин тавр мо ноҳияҳои Шеробод, Қизириқ ва Бандихонро убур намуда, ба ноҳияи Бойсун, ки дар ин ҷо ҷараёни роҳсозӣ бо ҷадал пеш меравад, расидем. Зиёда аз як сол мешавад, ки роҳи нақлиёти «Дарбанд – Деҳнав» (4Р105) мукаммал таъмир ва тармим мегардад. Дарозии ин роҳ 111 км буда, соли 2027 пурра ба истифода дода мешавад. Ин роҳ солҳои охир умуман корношоям гардида, ронандагону мусофиронро хеле ба рикқат меовард ва боиси арзу шикояти муттасили мардум гардида буд. Баъди супориши қатъии Президент кор дар ин самт бо ҷадал суръат гирифт. Ба нақша гирифта шудааст, ки қариб 108 километри он бо симон-бетон пӯшонида мешавад. Дар он 26-то пули мустаҳкам, 114 қубури обгузар, 2 бунгоҳи назоратие, ки вазн ва ҳаҷми воситаҳои нақлиётро месанҷанд, бунёд карда мешавад. Барои амалӣ намудани ин лоиҳаи бузургҳаҷм, ки арзишаш 147,6 миллион доллярро ташкил менамояд бо ғолиби тендер – ҷамъияти саҳҳомии «Lankaran Yol Tikinti»-и Озарбойҷон шартнома ба имзо расидааст.

Бо ҷараёни хобонидани симон-бетон ва фаъолияти лабораторияи сайёре, ки дорои асбобу ускунаи замонависту сифат ва мустаҳкамии роҳро аниқ мекунад, аз наздик шинос шудем. Бо мутахассисон ва роҳсозони маҳаллӣ ва хориҷӣ суҳбат намуда, нисбати бунёди ин шоҳроҳ тасаввуроти аниқ пайдо намудем.

Баъди мушоҳидаҳои корҳои роҳсозӣ дар офис-бинои ҷамъияти саҳҳомии «Lankaran Yol Tikinti» раҳбари Саридораи роҳҳои нақлиёт Баҳодур Ҳотамов дар бораи бунёдкориҳои беназири роҳсозон батафсил ҳарф зад.

– Ба воҳаи Сурхон дар тӯли 25 соли охир бори аввал омадам, – гуфт журналист Шарофиддин Тӯлаганов. – То ин вақт дар бораи роҳсозӣ тасаввуротам умуман дигар буд. Имрӯз ҷараёни роҳсозиро дида лол мондам. Медонед-чӣ, барои чӣ чунин мегӯям? Мо имрӯз ҳам бо роҳи кӯҳна, ҳам бо роҳи нав ва ҳам бо роҳи тамоман нав гаштем. Бо чашми худ дидем. Алалхусус, аз бунёди роҳи симон-бетонӣ, ки ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ пурра ҷавобгӯ аст, хеле ҳавасамон омад. Ба роҳсозон, ки меҳнати бомашаққат ва дар айни замон бошарафро ба сомон мерасонанд, арзи сипос менамоем.

Соли 2027 вақте ки ин роҳи васеъву равон ва мустаҳкам ба истифода дода мешавад, на танҳо ба ронандагону равандагони мусофир, ки аз Дарбанд то Деҳнав бо ин роҳ убур мекунанд, балки ба сокинони навоҳии Бойсун, Бандихон, Олтинсой, Шӯрчӣ, Деҳнав шароити мусоид ба вуҷуд меояд ва ҳатто барои мусофирони ноҳияҳои Сариосиё, Узун ва Тоҷикистон ҳам рафтуо намудан осон мегардад.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Сурхондарё.

КОНСТИТУТСИЯ ВА ЯЧЕЙКАИ АСОСИИ ҶАМЪИЯТ

(Аввалаш дар сах.1).

Ноҳамвор будани роҳҳои зиндагӣ бояд аз мадди эътибор дур набошад ва чи писар, чи духтар, ҳанӯз ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ шурӯъ нанамуда, дарк намояд, ки ҳаёт баробари рӯзҳои муъътадил ва офтобӣ тӯфону бӯронҳо дорад. Барои паси сар намудани мушкилиҳо, қабл аз ҳама, иродат ва субот лозим.

Мутаассифона, баъзе навхонадорон ҳанӯз дар ибтидои ҳаёти оилавӣ, вақте душворӣ ё ногувории пеш омад, саросемаву саргум мешаванд. Хусусан онҳое, ки ноз-парвард калон шудаанд, ба ташвиши падару модарон ташвиши дигар зам карда ва онҳоро нороҳат менамоянд. Иллати асосӣ – оиладориро саҳв пиндоштани ҷавононе мебошад, ки сифати болиғии маънавиро чандон молик нестанд.

Онҳое, ки таҷрибаи бойи ҳаётӣ доранд, ҳамеша маслиҳат медиҳанд, ки дар масъалаи хонадорсозии фарзанд набояд ба саросемагӣ роҳ гузошт. Пеш аз оиладор шудан ҷавонон бояд аз сабақҳои рӯзгор то андозае бархурдор бошанд, бо интернет ё нуқтаҳои иҷтимоӣ не, бо китоб дӯст шаванд, бештар китобҳоеро мутолиа созанд, ки дидактикианд ва аҳамияти тарбиявӣ доранд.

Хушбахтона, баробари муассисаҳои таълимӣ имрӯз маҳалла низ китобхона дорад ва бештар ҷавонон ба китобхонӣ ҷалб мешаванд. Маҳз ҳамон маҳаллаҳое, ки китобхона доранд, арзишу тарзи ҳаёт ва тафаккури миллиро аз насл ба насл интиқол дода ва воқеан чашмаи тарбия ба ҳисоб мераванд.

Дигар, давлат низ аз мустаҳкамии оилаҳо манфиатдор ва хусусан ҳимояи ҳарҷонибаи оилаҳои ҷавон ҳамеша дар маркази эътибори ҳукумат ва ҷомеа мебошад.

Маълум, ки чунин падида дар муносибати як қатор давлатҳои дунё низ нисбати оила ба назар мерасад. Барои таъмини бирқарории оилаҳо шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд. Аз ҷумла, дар қонунгузории Ӯзбекистон марбут ба барқарории оилаҳо ва арзишҳои умумибашарӣ дар хонадон, тавре дар боло ишора рафт, меъёрҳо муайян карда шудаанд.

Дар моддаи 63-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон зикр ёфта, ки оила қишри асосии ҷамъият аст ва он ҳамеша дар маркази ҳимояи давлату ҷамъият қарор дорад.

Чи дар Сарқонун ва чи дар ҳуҷҷатҳои қонунии дигар меъёрҳои муҳим доир ба оила муайян карда шудаанд. Дар қисми дуюми моддаи 63, айни замон, зикр ёфта, ки никоҳ ба ихтиёрӣ будан ва баробарҳуқуқии ҷонибҳо асос меёбад. Моддаи дуюми Кодекси оила низ тақрибан дар ҳамин бобат аст ва дар он гуфта мешавад ба тартиб андохтани муносибатҳои оилавӣ вазифаи мард ва занест, ки дар асоси ризоят ва ба тарзи ихтиёрӣ издивоҷ менамоянд.

Қисми дуюми моддаи 65-уми Конститутсияи Ӯзбекистон бошад, ба масъалаи муҳофизати модар ва тифл марбут мебошад. Модар ва кӯдак, айни ҳол, таҳти муҳофизати давлат қарор дорад. Вале ин, албатта, маънои надорад, ки падар ё бобову бибӣ аз мадди эътибор дур бошанд.

Ғамхорӣ ба фарзанде, ки ҳанӯз ба балоғат нарасидааст, яке аз вазифаҳои аввалдараҷаи волидон аст. Нигоҳубини падару модари солхӯрда, дар навбати худ, ба зиммаи фарзандон қобили кор аст, ки ин ҷонибҳо низ дар моддаҳои ҷудогонаи Сарқонуни мо муайян ва мустаҳкам карда шудаанд.

Ҳамин низ мавриди қайд аст, ки волидони ба фарзандони худ ҷабрнамуда мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Яъне, Конститутсия ва дигар қонунҳо роҳ намегузоранд ҳуқуқи кӯдак помол карда шавад. Дар ин гуна вазъиятҳо мумкин аст волидон ҳатто аз ҳуқуқи падарӣ ё модарӣ маҳрум карда шаванд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, агар тифл дар оғӯши падару модар меҳр дида ба воя расид, вай ба дигарҳо меҳрубон мешавад. Баръакс, оне, ки ба меҳри волидон сер нашуд, ба инсони сахтдил ва бемеҳр табдил ёфтанаш мумкин.

Мувофиқи қонунҳои амалкунанда ба ҳаёти оилавӣ ва ё масъалаҳои дохилии хонадон дахолат кардан мумкин нест. Вале ин маъное надорад дар вазъи нотинҷии оилаҳо, хусусан оилаҳои ҷавон ҷомеа ё маҳалла тамошобин бошад. Муҳимтарин вазифаи комиссияи оштие, ки дар ҳузури маҳаллаҳо ва судҳои байниноҳиявӣ ташкил карда шудааст, оилаҳоро аз пародандагӣ наҷот додан ва мустаҳкамсозии хонадонҳо мебошад.

Мегӯянд Конститутсияро омӯзем, ба қонунҳо риоя созем ва имкониятҳои ҳуқуқиамонро дуруст роҳандозӣ намоем, пеши роҳи ҳар гуна нохушӣ дар оилаҳо гирифта мешавад.

Муҳаммадҷон ШОДИЕВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».



Дар ҳудуди боғи «Анҳор-Локомотив»-и пойтахт чорабинии «Асал байрами» ва намоиши маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ барпо гардид.

Дар ярмаркаи мазкур, ки то 10-уми декабр давом мекунад, аз тамоми ҳудудҳои ҷумҳурӣ зиёда аз 400 субъекти истеҳсолкунандаи маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ ва инчунин соҳибкорони кишварҳои ҳамсоя, ба монанди вакилони Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон низ бо маҳсулоти ҳуд иштирок доранд.

Дар намоишгоҳ зиёда аз 10 хели маҳсулоти асалро ба маъраз гузоштаанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки давоми 5 соли охир истеҳсоли асал аз 17 ҳазор тонна то 35 ҳазор тонна расид. Инчунин миқдори субъектҳои соҳа низ хеле афзуд.

Арзишҳо

МУҲИТИ ФАРҲАНГИИ БОЙСУН ДАР ЭЪТИРОФИ ЮНЕСКО

Муҳити фарҳангии Бойсун ду ҷиҳати ба худ хос дорад. Якумаш ин аст, ки муҳити мадании ин маскан бори аввал соли 2001 аз тарафи ЮНЕСКО ба сифати объекти мероси ғайриmoддиву мадании Ӯзбекистон ҳамчун «Мероси фарҳангии даҳонӣ ва ғайримоддии инсоният» эътироф гардид ва соли 2008 пас аз ворид шудани Ӯзбекистон ба Созишномаи ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО аз Рӯйихати репрезентативи мероси фарҳангии ғайримоддии инсоният ҷой гирифт. Дуюм ин аст, ки дар муҳити фарҳангии Бойсун ҳамаи ҷузъҳои 5 самте, ки (анъана ва шаклҳои зуҳуроти ҳуд, санъати иҷро, урфу одат, маросим ва ҷашнҳои ҷамоа, донишҳои вобаста ба табиат ва коинот, дониш ва малакаҳои вобаста ба ҳунармандии анъанавӣ) барои дохил гардидан ба Рӯйхати репрезентативи мероси фарҳангии ғайримоддии инсоният тавсеа дода мешавад, мавҷуд аст. Чунин самтҳо дар муҳити мадании Хива, Форич, Кӯқон ва дигар мавзеъҳои мамлакатамон низ вомехӯрад, аммо баргузориву риоя кардан ба чунин маросим ва анъанаҳо бештар хоси бойсуниён мебошад.

Аз адабиётҳои этнографӣ бармеояд, ки Бойсун ва деҳаҳои атрофи он бо эҷодиёти даҳонии халқ ва анъанаҳои хоси худ аз дигар мавзеъҳо фарқ мекунад. Сабаби ин аз қадим то ба имрӯз дар якҷоягӣ умр ба сар бурдани мардуми деҳаҳои Сариосиё, Авлод, Пасурхӣ, Бибиширин, Кӯчкак, Работ, Кофируни ноҳия, ки асосан аз тоҷикон, гурӯҳҳои этникии турк, қӯнғирот, қатағон, хӯҷа ва ғайра иборат аст, мебошад. Яъне дар ин ҷо гурӯҳҳои этникӣ, забон ва шеваҳои гуногун бо ҳам омехта, «маскани бойсун қӯнғирот» ба вуҷуд омада, маданиятҳои хос пайдо гардидааст.

Дар Бойсун то имрӯз побарҷо мондани арзишҳои милливу урфу одатҳои қадима ба ҷойгиршавии ҷуғрофии он низ вобаста аст. Манзилгоҳи одам-неандерталҳои қадима дар ғори Тешиктош, дарвозаи Темур ва девори Кушони назди сарҳади Дарбанд, қалъаи Қӯрғонзоли юнону мақдуниҳои қадим, қалъаи Поёнқӯрғони даври кушониён ва дигар объектҳои таърихӣ дар ин ҷо ҷойгир мебошанд.

Табиист, ки чунин омилҳо ба тарзи зиндагонӣ ва урфу одатҳои бойсуниён таъсири худро гузоштааст. Ҳар як маҳаллаву деҳаи Бойсун намуди фарҳангӣ, расму русум ва оинҳои хоси худро дорад.

Боигарии маънавии барзиёди бойсуниён ин халқи меҳнатдӯсту таҳаммулпазири он мебошад, ки ба ду забон — тоҷикиву ӯзбекӣ сухан мегӯянд. Ин сарзамин шахсони зиёди пуриқтидору донишмандро тарбия намудааст. Яке аз дурдонаи беназири адабиёти қадим — достони «Алпомиш» маҳсули маънавии бойсуниён буда, воқеаҳои асосии он дар худи ҳамин ҷо рух додааст.

Шоирони классик Муллодӯсти Нодири Бойсунӣ, Мулло Худойбердӣ Бойсунӣ, академикҳо Мулло Раҷаб Бойсунӣ ва Муллоҷон Эркаев, нависандагони халқии Ӯзбекистон Шукур Холмирзоев ва Эркин Аъзам, Шоири халқии Ӯзбекистон Усмон Азим, бахшии халқӣ Шобердӣ Болтаев, гӯштигирон Тоштемир Муҳаммадиев, Абдулло Тангриев, Давлат Чориев фарзандони номии ин сарзамин мебошанд.

Оиди омӯхтани муҳити мадании Бойсун аз тарафи Э. Ртвеладзе, Л. Сверчков, В. Мокробордов, И. Тӯхтаев, А. Саъдуллоев экспедитсияҳо ташкил гардида, мақолаҳои илмӣ чоп шудаанд. Инчунин фолклоршинос, мусиқишинос ва санъатшиносони зиёд адабиёти даҳонӣ ва фарҳанги ғании ин диёрро омӯхтаанд, аз ҷумла, А. Аширов ва А. Қаюмов «Тарзи зиндагонии аҳолии Бойсун», М. Ҷӯраев «Солномаи халқи Бойсун», И. Абдураҳимов «Маросим ва бозиҳои тамошобоби Бойсун», «Ҷашни Наврӯз дар Бойсун», Р. Абдуллоев «Мероси мусиқии Бойсун», А. Ҳакимов «Кашидандӯзии анъанавии Бойсун», Э. Гул «Гилембофии Бойсун» ном асарҳои худро офаридаанд.

Акнун ду сухан дар бораи маънои луғавии калимаи «Бойсун». Дар бораи этимологияи ин калима Сайфулло Турсунов дар «Топонимҳои волояти Сурхондарё» навиштааст: Бойсун – Бойсин дар достонҳо ба маънои «кӯх», «макон» омадааст. Тавре ки дар манбаъҳои таърихӣ қайд шудааст, калимаи «син», «шин», «чин» аз забони хитоӣ маънои «халқ», «халқият», «қавм»-ро, калимаи туркии «бой» бошад, дорои маънои «бузург», «калон» мебошад, инчунин, калимаи Байкал (Бойкӯл) маънои «кӯли калон», «кӯли бузург»-ро дорад. Аз ин бармеояд, ки Бойсун маконест, ки аҳолии зиёд дорад. Имрӯз дар вилояти Сурхондарё деҳаҳои зиёде ҳастанд, ки бо калимаи «бой» оғоз мешавад: Бойқишлоқ, Бойбича, Бойбӯрӣ, Бойовул, Бойқазоқ, Боймоқлӣ ва ғайра.



Эътироф шудани муҳити фарҳангии Бойсун аз ҷониби ЮНЕСКО боз як сабаби пурра омӯхтани намунаҳои мероси мадании он гардид. Ҷашнвораи фолклории «Баҳори Бойсун», ки бори аввал соли 2002 баргузор шуда буд, пас аз танаффуси 13-сола, дар соли 2017 дубора эҳё шуд, ки ҳоло дар ду сол як маротиба баргузор мешавад. 7 феврали соли 2022 қарори Девони Вазирон «Дар бораи чорабиниҳои ташкил ва баргузор намудани ҷашнвораи байналмилалии «Баҳори Бойсун» қабул гардид. Ҳоло дар доираи ин ҷашнвора конфронсҳои илмиву эҷодӣ, семинар ва суҳбатҳои мизи мудаввар, консерту намоишгоҳҳо ташкил дода мешавад. Дар доираи он тавассути ташкили сайру саёҳат меҳмонони хориҷӣ бо зиёратгоҳҳои Ҳазрати Султон Валӣ Балогардон, Бибиширин, дараи Тангисар, истеҳкоми сарҳадии Дарбанд, истироҳатгоҳи Амонхона шинос карда мешаванд.

Умедҷон ТУРСУНОВ,
корманди хурди илмии
Донишкадаи фарҳангшиносӣ
ва илмиву тадқиқотии мероси
ғайримоддии фарҳангӣ.

Машъалони маориф

РОҲНАМОИ КОРИ ХАЙР



Муаллим, омӯзгор вожаҳое мебошанд, ки фарзанди инсонро ошною муқаддасанд. Зеро ин соҳибпешагон аз хурдӣ инсонро илму адаб омӯхта, ба зиндагии пурбаракоту бомаърифат ҳидоят мекунанд. Педагоги машҳур А. С. Макаренко фармуда буд, ки агар омӯзгор барои эҳёи тафаккури насли нав хидмат намекард, зиндагӣ як лаҳза ҳам пеш намерафт. Шоир фармудааст:

Китоби қисмати маъно муаллим,
Чароғе дар раҳи фардо
муаллим...

Имрӯз, ки мо Ӯзбекистони Наврo бунёд мекунем ва ба Эҳёи Сеюм асос мегузорем, саҳм ва мақоми омӯзгор боз ҳам зиёд мегардад. Дар ин сабқат вазифа ва ӯҳдадории омӯзгорон афзуда, масъулияти бештар ба зиммаи онҳо мебошад.Насли наврас дар мактаб таълиму тарбия мегирад ва маҳз ҳамин наврасон, ба қавли Саррвари давлат «бунёдкорони Ӯзбекистони Нав ва Эҳёи Сеюм» ҳастанд.

Хушбахтона, зиёданд дар мамлакат омӯзгороне, ки ҳастии худро ба таълиму тарбияи насли наврас бахшидаанд. Яке аз ин гуна омӯзгорони фидоӣ Абдураҳмон Ғаффоров мебошад, ки дар мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нурато фаъолият дорад.Ӯро дар деҳоти кӯҳпояи Нурато ҳама мешиносанд. А. Ғаффоров омӯзгори хуб, саррвари дурандеш ва ба замми ин ровии хуб мебошад. Ӯ дар гуфтору рафтораш намунаи ибрат аст.

Он рӯз ӯро дар коргоҳаш пайдо кардам. Бо омӯзгори ҷавон Нодир Мусоев, ки ба мактаб нав ба кор омадааст, суҳбат дошт. Пас аз адои одоби муошират суолаш додам: – Абдураҳмон, соли нави хониш оғоз ёфт. Ҳамчун ҷонишини директор оид ба корҳои маънавият ва маърифат чӣ нақшаҳо доред?

– Нақшаҳо зиёданд, вале мақсад яктост: тарбияи ҷавонони бомаънавият ва бомаърифат, ба камол расонидани ҷавонони бунёдкору созанда ва худшиносу худогоҳ, яъне ҷавононе, ки бо замон ҳамнафас бошанд. Иди дониш, дарси истиқлол ва тадбирҳо ба ин санаҳои муҳим бо як рӯҳбаландии хотирмон гузаронида шуд. Ҳоло бо ин ҷавон, ки шурӯъ ба фаъолияти омӯзгорӣ намудааст, суҳбат дорем. Корманди нав дониш дорад, вале фаъолияти омӯзгорӣ сиру асрори худро низ дорост. Ҷавонон набояд аз омӯзиши таҷрибаи устодон дар канор бошанд, омӯзгор бояд ҳунарманд бошад. Ҳунарманди асил ба дилу дидаи наврасон зуд роҳ меёбад.

– Тадбирҳо зиёданд, – суханашро идома дод ҳамсуҳбати мо, – бахшида ба рӯзҳои идҳои миллӣ, зодрӯз ва ё рӯзи ёдбуди шахсони таърихӣ мегузаронем. Ҳар як тадбир бояд дар ҷавонон эҳсоси ватандӯстӣ, дӯстиву инсонпарварӣ, созандагиву бунёдкорӣ ва худшиносиву худогоҳиро бедор ва ташаккул диҳад.Чанде пеш дар мактаб ҷамъомади навбатии маҳфили «Хирадманд» бо иштироки толибилмони 8 мактаби кӯҳпояи Нурато таҳти шиори «Бузургдошти рӯзномаи миллат – «Овози тоҷик» бисёр хотирмон баргузор гардид. Соли гузашта ба ин рӯзномаи 100-солаи миллат обуна шуда будам. Бовар ии комил дорам, соли равон ҷамоаи мактаби мо дастҷамъона боз ба «Овози тоҷик» обуна мешаванд.

Абдураҳмон Ғаффоров зодаи Эҷ мебошад. Аз оилаи коргар ба дунё омадааст. Мактаби рақами 43-юми зодгоҳро хатм намуда, пас аз он дар факултаи физикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд (ҳоло ба номи Б.Ғафуров) таҳсил гирифтааст.

Фаъолияти омӯзгориро дар мактаби зодгоҳ оғоз намуд. Дар ҳалқаи устодони худ фаъолияту кор кардан масъулиятро боз ҳам бештар мекунад. Таҷрибаи онҳоро батадриҷ омӯхтан вазифаи ҳар як корманди ҷавон аст, ки оқибати нек дар пай дорад. Ба замми дониши донишгоҳиаш, ҳамкорӣ бо устодон Абдуназари Набӣ, Салими Ғафур ва дигарон омӯзгори ҷавонро сабақ гардид.

Муаллим ақл, шарафу виҷдон ва симои асосии ҷомеа мебошад. Вай донишу заковат, маънавияту маърифати худро бедареғ ба кӯдакону наврасон медиҳад. Ягон кору амал, пешравӣ, бурд бе заҳмату машаққати устод ба авҷи аълояш намерасад. Зиёданд омӯзгорони заҳматкаш дар мактаб: Элмуроди Рӯзӣ, Собир Муродов, Холбика Нурназарова, Аброр Боймуродов, Завқӣ Ғаффоров ва дигарон.

Ифтихор дорад Абдураҳмон аз ҷамоаи омӯзгорону мактаб. Ҳамасола хатмкунандагони мактаб ба донишгоҳҳо дохил мешаванд. Соли равон 6 нафар шогирдон донишҷӯ гардиданд. Хатмкардаи мактаб Мардон Ҳазратов, ки соли равон донишҷӯйи Донишгоҳи Ӯзбекистони Нав гардид, ҳамин сол дар озмуни байналмилалии информатика дар Миср байни намояндагони 90 давлати дунё чойи сеюмро гирифт. Ҳамин сол собиқ дастпарвари мактаб Зоҳид Кӯрғонов дар шаҳри Хуҷанд рисолаи докториашро бомуваффақият ҳимоя намуд. Имрӯз хатмкунандагони мактаб дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёт фаъолият доранд, ки ҳамаи онҳо ба ҳаёти ҷомеа ҳисса гузоштаанд. Ба ҳар яки онҳо саломатӣ, бахту саодат ва комёбиҳои нав таманно дорам.

Хайриддин СУЛТОН

ГУЗАРГОҲИ ДИЛ

МУРОҶИАТ ДАР ЗЕРИ БАРФ

Рӯзе сармуҳаррирамон Эркин Воҳидов ману Эркин Аъзамро ба хонааш хонд.

– Акнун, йигитҳо, баъзан ҳамин хел корҳо ҳам шуда мемондааст, – гуфт каме ноҳинҷор ва муддаои худро баён кард.

Пагоҳӣ ӯро ба КМ даъват карда, як супориши нозук додаанд. Яъне илтимос кардаанд аз номи арбобони намоёни маданият, санъат ва адабиёт матни мурочиати ба ғунучини пахта даъваткунандаро омода намоянд.

– Акнун ин гуна матнҳо назар ба шоирҳо аз қалами носирҳо хубтар мебароянд, – гуфт Эркинака, – барои ҳамин то пагоҳ нусхаи хомакии онро навишта оред, ҳамроҳ дида мебаромадем.

«Амри воҷиб»-ро ба гардан гирифта, аз кабинети роҳбар баромадем. Баъди кор ба квартираи Эркин Аъзам дар Қарасув рафта, иншои лоиҳаи мурочиат ба халқи Ӯзбекистонро сар кардем.

Як-ду сол пештар аз ин Брежнев ба Ӯзбекистон омада, аз минбари баланд «Надо, Шарафчик, надо!» гуфта, ӯҳдадории 6 миллион тонна пахтаро ба гардани Ӯзбекистон бор карда буд.

Ғайриимкон будани иҷрои ин нақшаи бузург ба ҳама маълум бошад ҳам, то моҳи январ ҳаракати аз нест ҳаст кардан бо унвони «сиёсати пахта» давом мекард.

Қалами мо, ки аз дер танҳо ба таҳрири асарҳои бадеӣ омӯхта шуда буд, ба навиштани суханҳои дурӯғ ва баландпарвоз сар намефуровард. Барои ҳамин дусе рӯзномаи ҳизбиро назди худ гузошта, «Ҳоло дар саҳроҳоямон ҳосил зиёд», «Имрӯз дар Ӯзбекистон ҳама пахтакор», «Тиллои сафедро дастҳои тиллоӣ меофаранд», «Ҳосилро то мисқолҳои охирин несту нобуд накарда чида гирифтан – вазифаи ҳар яки мо» барин ҷумлаҳои қолабиро кӯчонда, нисфишабӣ мурочиати ба махав ошноро навишта тамом кардем.

Коғазу қаламро ғундошта, яке аз тиреза нигарем, барф борида истодааст! Дар ибтидои моҳи ноябр боридани ин гуна барфи сахт ва ғафсро шахсан ман бори аввал медидам.

Пагоҳӣ палтову телпак пӯшида, хунукхӯрон ба кор омадем. Ҳаво хеле сард, роҳҳо яхбаста.

Ба назди сармуҳаррирамон даромада, фармоишро супурдем. Ба коғаз як чашм давонду «раҳмат» гуфт, либоси ғафс пӯшида ба КМ равон гашт.

Пагоҳаш он кас дар таркиби намояндагии нависандагони СССР ба Ҷумҳурии Сурияи Араб рафт.

Аз байн ду-се рӯз гузашт, лекин мурочиати дар зери барф тавлидёфтаи мо аз чӣ бошад ба матбуот набаромад. Кӣ медонад, балки он ба ташкилотҳои фармоишгар маъқул наафтод. Баъд фаҳмем, ҳамон рӯзҳо Брежнев бемори вазнин шуда, дар КМ ин мурочиат ба дили ҳеч кас нағунҷида будааст.

НАРХИ БИЛЕТ ВА МУРҒ

Ба Худо шукр, он рӯзҳои вазнин ҳам оҳиста-оҳиста паси сар шуданд. Дар соҳа компутеркунонӣ ба тартиб андохта шуд. Як миқдор пул ёфта, аз Маскав ягон бист компутер харидем. Дар идораамон касе «забони» онро намедонист. Мутахассиси бузришеро, ки Димитрий Дмитриевич Яковлев ном дошт, ба кор қабул кардем.

Дим Димич як ҳафта овора шуда, бо ду-се ҳамроҳаш ба машбюро компутерҳоро васл намуд.

Лекин бонувони «машинкачӣ» бо компутер навиштанро умуман намедонистанд, лозим омад онҳоро дар кучое хононем. Имкон нест бист нафарро барои хонондан ба Маскав фиристем. Барои ҳамин худи Яковлев хонда омада, дигаронро мехонондагӣ шуд.

Вай баъди понздаҳ рӯз аз сафар баргашт ва хандида воқеаеро гуфта дод.

– Ба Маскав бисёр парвоз кардаам. Одатан баъди ду-се соат мурғбирён медоданд, ин дафъа аз чӣ бошад, хӯрок бедарак. Аз стюардесса, ки туфлиашро тук-тук зада ин сӯ-он сӯ мегузашт, оҳиста пурсидам: «Бубахшед, мурғро кай медиҳед?»

Стюардесса ба ғазаб омад. «Чӣ хел мурғ? Чӣ хел таом? Фикр карда гап мезанӣ? – гуфт бо овози баланд. – Ту охир ба панҷоҳу шаш сӯм билет харидай, нархи мурғ бошад ҳафтоду ҳашт сӯм, ҳаминро медонӣ?»

Баъд фаҳмам, роҳкиро ҳамон дар нархи пештара мондааст, мурғро бошад, ба парвози озод гузоштаанд, ба замми ин бечора стюардесса се моҳ боз бе маош кор мекардааст...

«БА ТАҲОРАТИ КАСИ ДИГАР НАМОЗ НАХОНЕД»

Драматург Д.М. арз карда омад. «Сарвиноз» ном песаро дар нашриётамон дар ҳоли китоб баровардан мехостааст, шуъба нолоиқ дониста баргардондааст. Тақризи беруна ҳам салбӣ будааст.

– Душманонам ташкил кардаанд инро, – гуфт драматург дарғазаб шуда. – Талаб мекунам, ки дастнависро шахсан худатон дида бароед.

Мачбур будам «дар консерт бино бар талаби меҳнаткашон» иштирок намоям. Асар ниҳоят ғариб, илоҷе надоштам ба хулосаи салбии муҳаррири шуъба ва мукаррариз ҳамроҳ нашавам.

Саъй кардам бо хобрафтаннӣ ба муаллиф фикрамро фаҳмонам, илтимос кардам песаҳои дигараш бошад, гирифта оварад. Аммо драматург:

– Мана ҳамин песаро мебароред, ба набаровардан ҳақ надоред. Чунки ин асар Мукофоти давлатии ба номи Ҳамзаро гирифтааст, – гуфт пофишорӣ карда.

Мукофоти давлатӣ он тараф истад, «Сарвиноз» сарпӯши чойнак ҳам нагирифтанашро хуб медонистам, барои ҳамин ҳайрон шуда:

– Нашунида будаам, кай гирифтааст? – пурсидам.

– Нашунида бошед, айби ман нест, – гуфт муаллиф бо димоғи баланд, – соли ҳафтоду як гирифтааст.

– Истед, соли ҳафтодуякум мукофоти давлатӣ умуман дода нашудааст-ку? Охир мукофот солҳои чуфт дода мешавад, – гуфтам драматургро мот кардан хоста.

Д. М. бетоқат даст афшонд:

– Соли ҳафтодуяк нагирифта бошад, дар соли ҳафтоду ду ё ҳафтоду чор гирифтагист. Умуман кадом сол буданаш ба шумо чӣ фарқ дорад? Донед-надонед ҳақиқат дигар намешавад – «Сарвиноз» мукофоти давлатӣ гирифтааст! – гуфт вай ҷазабаш гирифта.

– Чӣ хел, барои чӣ гирифтааст? – гуфтам ман ҳам худдорӣ накарда.

Вай ду-се дақиқа сукут варзиду, баъд папкаашро кофт, газетаи зардшудаеро баровард ва бо тантана ба рӯи миз партофту:

– Мана, дида монед! – хитоб намуд.

Газетаро кушода бинам, дар саҳифаи дувум, дар эълон оиди дода шудани мукофотҳои давлатӣ, ба зери исму фамилияи композитори машҳур бо қалами сурх хат кашида шудааст. Баробар бо симфония ва ораторияҳояш қатори мусиқиҳое, ки барои спектаклҳо навиштааст, «Сарвиноз» ҳам қайд ёфта буд.

– Дидед? Шуд? – гуфт Д. М. каррос гулӯ дарронда.

Ин вақт ғайриихтиёр:

– Э, ба таҳорати каси дигар намоз нахонед-дия, ака, – гуфта мондаам.

– Ин чӣ гуфтагиатон? – дӯғзад Д. М. – Шуд. Таҳоратро нишон дода мемонам ҳоло!

Вай ин тавр гуфта дастнависашро бардошт ва бо ҷаҳл аз хона баромада рафт.

(Давомаш дар саҳ.4).

Фарҳанг

Дар Самарқанд намоиши спектакли «Имом Бухорӣ ва Сукарно», ки театри драмавии мусиқии шаҳри Каттақӯрғон дар ҳамкорӣ бо театри Буми Пурнатӣ дар Ҷакарта (Индонезия) ба саҳна гузоштаанд, баргузор гардид.

«ИМОМ БУХОРӢ ВА СУКАРНО» – ДАР САҲНА

Ин асар дар бораи сафари нахустини Президенти Индонезия ҷаноби Сукарно, ки соли 1956 ба Иттиҳоди Шӯравӣ ба зиёрати қабри алломаи бузурги ҳадисшинос Имом Бухорӣ ва монеаҳое, ки дар роҳ дучор шуда буданд, нақл мекунад.

– Асари таърихӣ ба қалами драматургҳо Аҳмад Фавзӣ аз Индонезия ва Гӯзалой Солиҳ аз Ӯзбекистон мансуб буда, ба тарзи онлайн дар тӯли ду моҳ ба саҳна гузошта шуд, – иброз дошт роҳбари театри драмавии мусиқии шаҳри Каттақӯрғон Ботур Тугалов, – тамошобинони намоиши аввалинро хуш пазируфтанд.

Баҳодури ЗОҲИР.

САМАРҚАНД.

ЗӮРОВАРИИ ОИЛАВӢ – ИЛЛАТИ ҶАМЪИЯТ

Дар мамлакатамон ба масъалаҳои бонувон аҳамияти калон дода мешавад. Хусусан дар солҳои охир, дар шароити ислоҳоти нави демократӣ якчанд қонун ва фармоиш ба монанди «Дар бораи кафолатҳои ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои мардон ва занон», «Дар бораи ҳифзи бонувон аз тазйиқ ва зӯроварӣ» ва «Дар бораи чорабиниҳо доир ба дастгирии оила ва занону духтарон» қабул карда шудаанд. Дар ин ҳуҷҷатҳо масъалаи баробарии гендерӣ ва як қатор чораҳои амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар Ӯзбекистони Нав низ бонувони мо нафақат дар оила, инчунин дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии ҷамъият низ фаъоланд.

– Зан тарбиятгари миллат, оинаи ҷамъият мебошад, – мегӯяд роҳбари маркази ҳимояи иҷтимоии «Инсон»-и ноҳияи Чуст Шавкатҷон Йӯлдошев. – Аз таърих маълум аст, ки бонувони мо хислатҳои хуб доштаанд. Онҳо ҷасуру боҳаёӣ, боибою боимонанд, эътиқоди баланд доранд. Дар Ӯзбекистони Нав низ ба ҳаёти имрӯза ҳамоҳанг рафтор мекунанд. Аз минбарҳои баланди давлатӣ сухан карда, фикри худро баён менамоянд. Дар ҳама соҳаи ҷамъият ҳамчун роҳбар фаъолият мебаранд.

Мутаассифона, дар баъзе оилаҳо аз ҷониби шавҳар тазйиқ ва зӯроварӣ, поймол намудани ҳуқуқи зан, ҳатто ҳолатҳои ба марг расонидан мушоҳида шудааст.

Дар ин бобат гуфтан мумкин аст, ки дар ноҳияамон 194 нафар занону духтарони ба тазйиқ ва зӯроварӣ дучоршуда ба рӯйхат гирифта шудаанд. Ҳар як инсон, ӯ хоҳ зан бошад, хоҳ духтар, бояд ҳуқуқи худро донад. Барои зӯроварӣ ва тазйиқ, ҳатто суханҳои ноҷоя дар назди қонун ҷавоб медиҳанд. Аз тарафи ҳукумат барои бонувоне, ки ба ҷунин ҳолати нохуш дучор мешаванд, «ордери ҳимоя» дода мешавад.

Барои дастгирӣ ва ҳимояи бонувон ваколат дорем. Дар давоми даҳ моҳи соли ҷорӣ ба марказамон 323 нафар бонувон мурочиат карданд. Аз тарафи психологҳои марказ ба онҳо маслиҳатҳои ҳуқуқӣ дода шуд. Аз он ҷумла, барои 183 нафар заноне, ки ба тазйиқ ва зӯроварӣ дучор шудаанд, хидматҳои махсус расонданд.

Бо иштироки инспектори профилактикӣ, ходими иҷтимоӣ ва фаъоли занону духтарони маҳаллаҳо мониторинг гузаронида, ба 6 нафари онҳо бо ҳамкории шуъбаи корҳои дохилии ноҳия чораҳои зарурӣ дида, «ордери ҳимоя» доданд. Ба 18 нафар бонувоне, ки фарзандони ноболиғ доранд, «ордери ҳимоя» дода, онҳоро реабилитатсия карда, ба маркази ҳудуди мутобиқсозӣ ва ба «Хонаи кумаки аввала» ҷойгир намуданд. Ба онҳо ёрии психологӣ, тиббӣ ва ҳуқуқӣ расонданд.

Шоҳида ДАМИНОВА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.



КӮДАКИСТОНИ НАВ ДАР «МАҲАЛЛИҚОЗӢ»

Ба қарибӣ дар ҳаёти сокинони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Маҳаллиқозӣ»-и ноҳияи Шофиркон хурсандӣ рух дод.

Муассисаи таълими томактабии давлатии рақами 27-уми ҳудуд намуди замонавӣ гирифт. Бинои дуошёнаи дорои ҳама имкониятҳо барои 120 нафар наврас ба истифода супорида шуд. Ин маскани дилкаши бачагонро, ки 3 миллиарду 500 миллион сӯм қимат дорад, бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ҷӯйнав city савдо барака» бунёд карданд.

Бино дар фасли зимистон бо шабакаи гармидиҳӣ таъмин шуда, вай дорои дарсхонаҳои қулай, хобгоҳ, ошхона, майдончаҳои бозӣ ва истироҳатгоҳҳо мебошад. Инчунин ҷавобгӯи талабҳои бехатарӣ ва гигиена аст. Дар ин ҷо ба пешравии ҷисмонӣ ва интеллектуалии бачагон шароит муҳайёст.

Дар маросими ба истифода супоридашавии бино намояндагони ҳокимият, ҷамоатҳо, падару модарон ва тарбиятгарон иштирок карданд. Ҳокими ноҳия Алишер Файзуллоев ва дигарон ҳозиронро бо кӯдакистони нав муборакбод карданд. Лентаи рамзӣ бурида шуд ва меҳмонон вориди он гардиданд.

А. АВЕЗОВ, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Макони сабз

НИҲОЛШИНОНӢ ВУСЪАТ МЕЁБАД

Навоӣ аз вилоятҳои саноатии мамлакат аст. Дар ин ҷо бисёр корхонаҳои азими саноатӣ ҷойгир шудаанд. Аз ин рӯ дараҷаи муфлисшавии ҳавои шаҳри Навоӣ нисбати дигар минтақаҳои кишвар баландтар аст. Ин ҳолат мардуми шаҳрро нороҳат мекунад. Ягона роҳи халосӣ аз ин мушкилот – зиёд намудани «Макони сабз» мебошад.

Чандин сол аст, ки бо ташаббуси саррвари давлат дар саросари мамлакат Барномаи умумимиллии «Макони сабз» роҳандозӣ мегардад. Ин ҷараён ба ҳаракати умумихалқӣ табдил ёфтааст. Ниҳол ва бутташинонӣ, бунёди боғҳои нав ва майдонҳои сарсабз мазмун ва моҳияти хос пайдо кард. Аҳамияти боғу буттазорро ҳама хуб дарк намудаанд.

Тибқи маълумот, дар 35 гектар замини атрофи корхонаҳои азими саноатӣ 171 ҳазор бех ниҳолу буттаҳои гуногун шинонидаанд.

Ҷамъияти саҳҳомии «Қизилқумсемент» аз шаҳри Навоӣ дар масофаи 8 километр воқеъ аст. Ҷамоаи ҷамъият дар бунёди «Макони сабз» саҳми арзанда мегиранд.

– Бунёди «Макони сабз», – мегӯяд ҷонишини сардиректори корхона Адҳамҷон Тоҳиров, – ин муҳити тозаи экологӣ, омили саломатӣ ва дарозумрии инсон мебошад, ҳамчунин мероси гаронбаҳоест ба насли оянда. Ба ин мақсад дар масофаи 8 километри ду самти роҳ 30 ҳазор бех ниҳолҳои ба камобӣ ва гармӣ тобовар нишондем. Масъалаи обёрии онҳоро дар ҳамкорӣ бо идораи экологияи вилоят ҳаллу фасл намудем.

Ҷамоаи Ҷамъияти саҳҳомии ««Навоиазот» дар бунёди «Макони сабз» саҳми бештар мегиранд.

– Дар наздикии дарвозаи ҷанубии корхона тибқи иҷрои барномаи «Макони сабз» 2600 бех ниҳоли тут шинонида шуд, – гуфт зимни суҳбат ҷонишини сардиректори корхона оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва сохтмон Умар Турдиев. – Дар бунёди «Макони сабз» 300 коргари корхона ва намояндагони идораи экологияи вилоят фаъол иштирок намуданд. Ниҳолҳое, ки нишонда шуданд, аз ҷониби нозирон ба платформаи электронии «Макони сабз» ворид гардид.

– Тирамоҳи соли равон тибқи барномаи «Макони сабз» дар ҳудуди вилоят 5 миллиону 621 ҳазор бех ниҳолҳои мевадеҳ ва манзаравӣ кошта мешавад, – мегӯяд намояндаи идораи экологияи вилоят Гулноза Мирзоева. – Кӯчати ниҳолҳо ба манзил расонида шудаанд. Ба назорат ва нигоҳубини ниҳолҳои 11 шаҳру ноҳияи вилоят 38 агроном вобаста карда шудаанд.

Ниҳолшинонӣ дар вилоят идома дорад.

Ӯзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

Ёди бузургон

ШАВКАТИ ШУКРГУЗОРИ АДАБ

Субҳи уммедам ба ёди рӯятон сар мекунам,
Ҳар сухан, ҳар пандатон шаҳбайти дафтар мекунам.
Сачда меорам ба рӯҳи покатон додои ҷон,
Гаҳ зи оби дида мадфангоҳатон тар мекунам.

Усмон НАЗИР.

Ҳаёт чунон сохта шудааст, ки инсон то лаҳзаи вопасин хондану омӯхтан, сабақи зиндагӣ гирифтанаш лозим. Мо дар ин дунёи фонӣ бо ҳиссиёт – ғаму хурсандӣ, тарсу бебокӣ, муҳаббату нафрат, гарміву сардӣ, умеду ҳасрат омада меравем. Аммо дар бачагӣ ҳимояи аввалин – табассум ва суханҳои ширини волидайну атрофиён будааст. Ана баъд кӯдакистон, мактаб, дорулфунун, меҳнат ва ниҳоят рахти сафар бастан ба дорулбақо!

Воқеан, ман дир зиндагӣ бисёр чизҳоро омӯхтам. Баъди хатми Донишкадаи тиббиёти Самарқанд ҳамчун табиби бемориҳои рӯҳӣ фаъолият мебарам. Устодони ман хеле бисёр буданд, лекин барои ман аз ҳамаи онҳо бехтарин, донотарин падари бузургворам хоҳанд монд. Ман сесола, хоҳарам шашмоҳа буд, ки модарам Саноат Қосимова (илоҳо ҷояшон дар ҷаннат бошад!) аз хастагии зардпарвин чашм аз олами ҳастӣ пӯшиданд. Дар 24 солагӣ фавти нобаҳангоми волидаи мукаррамаи ман зарбаи сахт буд, барои падарам, хешу пайвандон, ҳамкору шогирдон аз мактаби рақами 21-уми ноҳияи Самарқанд, ки дар таълимгоҳи мазкур аз фанни забони модарӣ ва адабиёт сабақ медоданд.

Агар хотирам фиреб надиҳад, аз байн як ё ду сол гузашт, ки дар оилаи мо зани ҷавони хушқаду қомат бо чеҳраи кушод пайдо шуд.

– Ана ин кас акнун ба ту ва хоҳарат модар мешаванд, – фаҳмонданд падари бузургворам, – аз тақдир ҷойи гурез набудааст, бачаҷон.

Ойбӣ (дар Самарқанд модарандар, зани дуюмро чунин меноманд) бо дилёбӣ, ширинсуханӣ, меҳрубонӣ на танҳо ба эҳтироми ман ва хоҳарам, инчунин хешу пайвандон, ҳамгузару ҳамсояҳо соҳиб шуданд.

Аммо калиди бахти хандонам, табиби дарду дармонам, маслиҳатгару раҳнамоям падарам буданд. Падарам ба фарзандон аз бачагӣ талқин мекарданд, ки худбовар, меҳнатдӯст, китобхон ва барои ба мардуми дил расидан иродаи қавӣ дошта бошем. Боз ба мо шеъру афсона гуфта, некӣ аз болои бадӣ ғолиб омаданашро мефаҳмонданд. Ҳар гоҳ бо корҳои илмии худ ба Душанбе-шаҳр азми сафар намоянд, мо ғайр аз ширинӣ китобчаҳои расмдори бачагона туҳфа гирифта, бо завқ мутолиа мекардем.

Воқеан, падарам доктори фанҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Шавкат Шукуров шогирдони бисёр доштанд, ки гоҳ-гоҳ дар ҳавлии мо базми шеъру суруд авҷ мегирифт.

Суҳбати эшон бештар дар атрофи эҷодиёту зиндагиномаи шоир, файласуф ва мутафаккири форсу тоҷик Мирзо Абдулқодири Бедил (1644–1721) ҷараён гирифта, падарам аз он ифтихор доштанд, ки волидайни шоири нотакрор аз Самарқанд ҳастанд. Дар замони хунрезиҳои мазҳабии хонҳо тарки ватан кардаанд ва рӯ ба Ҳинд овардаанд. Маълум, ки ашъори ӯ мушкилбаён аст, аммо падарам мӯшикофона ба мазмуну мундариҷаи он роҳ ёфта, шарҳу эзоҳ дода, ба ситоиши ҳозирон соҳиб мешуданд. Баъзеҳо аз ҳасаду нотавонбинӣ сӯяшон санг мепартофтанд, лекин падари дарёдилам ботамкин бо байтҳои Бедил ба фитнаангезон ҷавоб медоданд:

Шарори кина ҳар ҷо
шӯълакор аст,
Агар кӯҳсор бошад,
пунбазор аст.
Ҷаҳонсӯз аст барқи кина,
ҳуш дор,
Мабодо домани кас
гирад ин хор!

Падарам бештар бо шоирони рангинхаёл, журналистони ҳақиқатпараст, олимони фидоӣ риштаи дӯстӣ баста, аз суҳбати онҳо ғизои маънавӣ мегирифтанд.

Луғатшинос Тӯрақул Зеҳнӣ, академик Ботурхон Валихоҷаев, адабиётшиносҳо Солеҳҷон Ҳалимов, Абдусалом Самадов, Қобилҷон Тоҳиров, шоирон Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Фарзона, Салим Кенҷа, Хоҷа, Дилшода ва алалхусус бо Нормурод Каримзода қариб ҳар ҳафта дар атрофи як пиёла чой суҳбат оросту, рӯҳи Мирзо Бедилро шод менамуданд. Бо журналистон Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода, Мӯҳсин Умарзода, Муайяна Хоҷаева, Акбар Усмонов, Зоҳир Ҳасанзода, адибон Фазлиддин Муҳаммадиев, Болта Ортиқов, Адаш Истад ва дигарон муносибати хуб доштанд. Ҳоло агар бо шогирдони бешумори падарам рӯ ба рӯ шавам, онҳо низ бо миннатдорӣ ёди неки қиблагоҳам мекунанд. Ва он рӯзе, ки дипломи мактаби олиро пешкаши падари бузургворам намудам, хурсандиашон интиҳо надошт.

Дар омади гап таъкид кардан ба маврид аст, ки раҳмати модарандар моро ҳамчун фарзандони хеш дӯст дошта, таълиму тарбия доданд, ки сипосгузорем.

Аммо фоҷиаи нохуш, ки январи соли 2009 рух дод, моро аз падари бузургвор ҷудо кард, ки бароям нобахшандагист. Шояд хато аз ман гузашт, ки қиблагоҳамро натавонистам розӣ кунам, ки ҳамроҳамон ба хориҷа барем ва шояд ӯ аз марги бемаънӣ раҳоӣ ёбад.

– Дадаҷон, рафтем, – дар ҳамон рӯзҳо зорӣ намудам ба ӯ, – наберaҳоятон Сарвиноз, Шоҳина, Таҳмина ва домодатон Сӯхробака аз дидоратон, ҳамроҳ будан хурсанд мешаванд.

– Бачаҷон, дафъаи дигар, корам бисёр, – узр пеш оварданд падарам, – хубтараш, ту нарав, дар наздам бош. Дилам роҳ намедиҳад, ки ту равӣ. Аҷибаш дар он буд, ки бори нахуст чорзону нишаста, илтиҷоомез хоҳиш карданд, ки чиптаҳоро супорам ва дар зодгоҳ монам.

Дар гузарамон – Қозиқӯрғон низ чунин аст.

Бо падарам дар ҳама масъалаҳо маслиҳатгар будем. Ёд дорам, баъди хатми мактаб номаи камол гирифтаму саволи ба куҷо дохил шудан ба миён омад.

– Шоҳдухтар, шакар духтар, – бо навозиш ба мақсад гузаштанд падарам.

– Дареғо, фалакро бин, чӣ зулми нораво кард, моёнро аз модарат ҷудо кард, ки сабабаш бемории ғайричашмдошт буд. Табиб шав, ба дарди мардум дармон шав.

Ана ҳамин тавр ба Донишкадаи тиббии Самарқанд дохил шуда, соҳиби – санъати табобат шудам.

Он лаҳзаҳои риққатовар ҳам тааҷҷубовар буду ҳам хандаовар. Ана баъд мо ҳар ду якдигарро ба оғӯш кашидем, гиристем, хандидем ва ман бо дили кашол ноилоҷ рахти сафар бастам.

Парешонхотир, мутаассир, аламовар рафтам ва ҳамеша пеши назарам ҳангоми хайрухуш сари ду по нишастани падарам буд. Болои сӯхта намакоб, хоб бинам ду дандонам фурӯ рехтааст, ки таъбираш аз шахси наздик ҷудо шудан мебошад.

Оҳ, агар медонистам, ки дар он шаби зимистонӣ аз сабаби набудани қуввааи барқ падарам шамъ афрӯхта, дар бистари беморӣ болои китоб хобашон бурдааст ва шамъ аз шамол ё дигар сабаб рӯи хона афтода, оташ ба коми худ кашидааст, ба ҳеҷ куҷо намерафтам ва шояд қиблагоҳамро аз марги нобаҳангом раҳоӣ мебахшидам. Гарчанд аз байн беш аз 15 сол сипарӣ гашт, оромӣ надорам.

Оҳ, Худоё, гирёну нолон, пойлучу сарлуч, беҳушу девона, ғамкуштаву пурҳасрат сари қабри падарам, шаҳсутуни хонадонам рафтан ба тасвираш қалам оҷиз аст.

Дар сӯгвории модари муқаддасам ин қадар ғаму ғусса нахӯрда будам.

Воқеан ҳар сол 9-уми май мавлудии қиблагоҳамро бидуни соҳибҷашн қайд карда, болои қабрашонро гулпӯш мекунему халос. Ва ман ҳар гоҳ назди марқади қиблагоҳ барои зиёрат оям, мегӯям: Меҳрубон касонро бисёр дидам, вале ҳеҷ кас мисли падар нахоҳад шуд.

Зӯҳро ШУКУРОВА,
деҳаи Қозиқӯрғони ноҳияи Самарқанд.
Вилояти САМАРҚАНД.

Ба ҷойи табрик

АРҶМАНДИ ДУ ДАВР

Ҳар вақт дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ахбори кӯтоҳи таъҷилӣ ва мақолаҳои долузарби худро эълон мекард, мо, рӯзномахонон, бо воситаи онҳо аз ҳаёту навигариҳои мухталифи ноҳияи Поп ва фикру андешаҳои диққатангезу аҳамиятноки муаллиф баҳра мегирифтем. Боз интизори шумораи ояндаи рӯзнома мешудем.

Якбора қаламиҳо ва номи он муаллиф аз саҳифаҳои рӯзнома нопадид гашт. Аҳли эҷод ва мушторӣ дар хавотир буданд, ки муаллиф куҷост?

Шиносон, яке корро бас кард, дигаре ӯро дардманд ҳам гуфтанд. Чанд вақт гузашт.

Лаҳзаи деринтизор фаро расид. Рӯзноманигори серкору боҳавсала Шуҳрат Инъомовро ҷустуҷӯкунон ба идораи рӯзномаи ноҳиявии «Поп тонги», ки коргоҳи пешинааш буд, омадем. Мақсади воҳӯриамонро шунида, муҳаррир Тӯхтахон Тӯйчиева занг зад. Дар саромон фикре мепечид, ки вай «аз зодгоҳаш – Чодак, масофа дур, кай меояд?» Не. Саҳв кардем, Шуҳратака сокини шаҳри Поп будааст, бо садои занги телефон зуд омад. Баҳри халал нарасондан ба ходимон, берун аз редаксия, гӯшаи ороми яке аз ошхонаҳои шаҳри Попро интихоб намудем.

Шуҳрат Инъомов марди миёнақад, солим, одӣ, зирак ва бо атрофиён самимӣ буд. Дар сари чой гуфтугӯйи мо сурат гирифт. Бе он ки мо саволе диҳем, муддаои моро фаҳмида, ӯ ба шарҳи ҳоли худ сар кард.



Садриддин Айнии зодгоҳашро хатм менамояд, бародараш сабақгири бахши ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тошканд буд. Вай ба додараш мегӯяд:

– Дар университет факултети журналистика ҳам будааст. Рафта хон, баъд хабару мақолаҳо менависӣ.

Додари орзуманд пешниҳоди ӯро бо ҷон пазируфт. То як чашм кушода пӯшидан Шуҳрат низ солҳои донишҷӯйиро сипарӣ намуда, мисли бародараш бо дипломи мактаби олӣ бозгашт. Дар рӯзномаи ноҳиявии «Поп тонги» аввал ходими адабӣ ва баъд котиби масъул шуда кор кард. Вай гармрӯ, дидадаро ва дар ҳар ҷо чун шахси кордон зарур буд. Аз ин сабаб дар кумитаи ҳизби коммунистии ноҳия низ фаъолият дошт. Сонитар боз ба редаксия, ба вазифаи ҷонишини муҳаррир гузашт.

Соли 1989, моҳи август таҳсилро дар Донишкадаи сиёсатшиносӣ ва идоракунии давлатии Тошканд, ки бо тавсияномаи кумитаи ҳизби коммунистии вилояти Намангон ба он ҷо омада буд, хотима дода, дар идораҳои ноҳиявии ҳизбӣ, дертар дар коргоҳи Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон, шуъбаҳои иҷтимоии ҳокимият ва таълими халқи ноҳия кор кард. Аз соли 2011 ва аввали овони нафақаҳӯриаш боз бо табъу нашри саҳифаи тоҷикии рӯзномаи «Поп тонги» машғул шуд.

Рӯзноманигороне буданд танҳо дар як самти кор фаъолият мебурданд. Саъю кӯшиши Шуҳрат Инъомов ҳамаҷониба – дар редаксия, идораҳои давлатӣ ва ҳизбӣ ҷараён гирифтанд. Баробари он корҳо ба китобхонон асарҳои худро низ туҳфа намуд. Китобҳои таърихӣ-оммавии «Поп саховатли юртим» («Поп – кишвари босахоям»), доир ба омӯзгорони эҷодкор «Поп оҳанглари» («Навоҳои Поп») ва дар хусуси муассисаҳои таълими ноҳия асари «Юксалиш йўлидан» («Аз роҳи болоравӣ»)-и худро пешкаши ҳаводорон намуд, ки ҷамъи теъдоди нашри онҳо 10 ҳазор нусха буданд.

Масъули ҳозираи саҳифаи тоҷикии рӯзномаи ноҳиявии «Поп тонги» Имомалӣ Усмонов мегӯяд:

– Шуҳратака устоди мо, шахси доно, фурӯтану писандидаанд. Рӯзноманигороне зиёданд, ки дар соҳаи худашон кор намекунанд. Шуҳратака баринҳо кам. Мо, кормандони рӯзнома, кӯшидем, он касро ба вазифаи муҳаррирӣ пешбарӣ кунем, аммо бо ғояти фурӯтаниашон таклифро қабул накарданд.

Метавон гуфт, ки Шуҳрат Инъомов бо кору фаъолияти намунавиаш арҷманди ду давр – аҳди шӯроҳо буду замони истиқлол аст.

Мавсуф имрӯз дар нафақа аст, лекин ҳамкориро бо рӯзномаашон давом медиҳад. Боиси хушнудист, қавл дод, ки инчунин ҳамкориро бо рӯзномаи «Овози тоҷик» боз ба роҳ хоҳад монд.

Қаҳрамони мо дар байни мардум низ эҳтиром дорад.

Фарзандони рӯзноманигори собиқадор – духтараш Фароғат, писаронаш Шерзод ва Фаррух чун падарашон кормандони шоиста, дар соҳаҳои гуногун меҳнат мекунанд. Бо онҳо наберагон низ барои пешрафт дар ҳаёт саъй менамоянд.

Бобои дуогӯйи ба 70-солагӣ қадамниҳодаи онҳо, ба баҳташон тансиҳат, амон ва андар эҷод бошанд.

Миршароф МИРЗОЕВ.
Вилояти НАМАНГОН.

Аз таърих медонем, ки сараввал инсоният маскуни ғор буд. Пас аз тӯфони Нуҳ алайҳиссалом, ки сатҳи об паст шуд, вай аз кӯҳҳои баланд ба поён фаромада, ба касби шикорчигии худ зироатпарвариро зам кард. Дар он замон, ки ҳоло бунёд кардани хонаҳои синҷдору ғиштин аз тафаккури одамон дур буд, онҳо дар куҷову бо кадом тартиб умр гузаронида бошанд? Нахустхонаҳо аз гил бунёд мегардиданд, ки агар ба ин фикр бо шубҳа нигарем, нодуруст мешавад...

ХОНАҲОИ ЛОЙБУНЁД Ё ХУД «ТАНӮРХОНА»

Рӯзе бо коре ба идораи собиқ совхози ба номи Илич сар халондам.

– О, о домулло, бед канӣ, – гуфт сармусоҳиб, ки пайванди мо буд, бандаро бо хурсандӣ пешвоз гирифта, – навигарӣ ҳамин, ки акнун гунбадҳои Бибикабудпушро азнав бо хишти пухта бунёд мекунем. Ва барои ин аз хазинаи касабавӣ ба миқдоре маблағ ҳам ҷудо кардем.

Ӯ миқдори маблағи ҷудокардаро гуфт. Бо ин пул он солҳо 5-то «Жигули»-и нав харидан мумкин буд...

Бибикабудпуш номи яке аз қабристонҳои қадимаи ноҳияи Шофиркон буда, дар он ҷо ду хонаи гилбунёд низ вуҷуд дошт. Дилам чизеро дарк кард магар, рӯзи дигар фотоҳаваскор муаллимон Рашид Сафаров ва Ато Фаттоевро ҳамроҳ гирифта, барои суратгирӣ рафтем. Рашидака писараш Фарҳодро низ ҳамроҳ гирифт. Ҳар ду хонаи лойбунёдро ба сурат гирифтем. Рашидака чун муаллими ҷуғрофия ҳамон сол мебоист аз аттестатсия мегузашт. Барои ин хидматаш дар рӯзномаи «Шофиркон овози» мақолаеро бо номи «Танӯрхона аст ё гунбад» дарҷ намудам. Пас аз сӣ соли пурра – соли 2022 дар китоби «Саҳродаги қизил гул», ки тариқи нашрияи «Бухоро» ба чоп расида буд, ин сурат мулки мардум гашт.



Он хонаҳои лойбунёд дуто буда, баландии бинои ғарбӣ 3-3,5 метр, шарқиаш бошад, каме пасттар ва нисбати ҳамсояаш васеътар буд. Дар он тахминан 30 кас ҷойгир шуда метавонист. Дари даромади ҳар ду ба ҷануб нигоҳ мекард. Солҳои мактабхонӣ ҳангоми чаронидани гусфандҳо борҳо бо чӯраҳои ҳамсолам ба он хонаҳо медаромадем. Боре ҳангоми таътили зимистона ба даруни хонаи ғарбӣ гулхан афрӯхтем. Баъди чанд дақиқа хона чун танӯр суп-сурх шуда тафсид. Дар баландии 2,5 метри чор девори хона сурохиҳо буданд, ки ба фикри банда вазифаи муътадилии ҳаворо таъмин мекарданд. Гунбади хона бошад, дар радиуси як метр кушода буд, ки вазифаи дудбаророро ичро мекард, ҳангоми афрӯхтани гулхан дидем, ки дуди он ба хона паҳн нашуда, рост аз ҳамон сурох баромада мерафт. Шояд аҷдодонамон дар миёна гулхан афрӯхта, баъд пойҳояшонро ба он дароз карда, ҳампаҳлӯ, ҳатто дар зимистони қаҳратун аз сармо наҳаросида, ором гирифта бошанд.

Баъди моҳе боз гузарам ба ин ҷо афтод. Гунбадҳо, ки аз дури дуриҳо ба назар мерасиду касро ба сӯяш мехонд, ин дафъа нанамуд. Саросема ба дидори он осори атиқа, ки мероси ниёгон буд, шитофтам. Биноро аллакай яксони замин кардаанду бригада – гурӯҳи одамон барои он гунбадро аз хишти пухта бунёд кардан тараддуд мекардиданд. Аз байн 32 соли расо чун шамол гузашт. Ҳоло чоряк асри қарни XI ҳам қариб ба охир мерасаду аммо аз бунёди он гунбад дарак нест.

Аммо он сурат чун ганҷинаи нодиртарин дар хазинаи ман монд. Худ ба худ гоҳо тасаллӣ медиҳам: лоақал сурататаш монд-ку! Ба ҳамин ҳам шукр.

Алимурод ТЕМИРОВ,
ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро.

ГУЗАРГОҲИ ДИЛ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Баъди як ҳафта, дарҳақиқат, «нишон» дод: аз болоям ба КМ шикоят навишт. Дар ариза навишта шуда буд, ки сармуҳаррири нашриёт ба вай – драматурги коммунист «то таҳорат карда намоз нахонӣ, асарат намебарояд, гуфта дӯғ зад».

Бедодии мислаш дар таърихи Ӯзбекистон диданашуда, яъне дар ҳамин гуна як нашриёти калон ҷойи сармуҳаррир барин лавозими масъулиятнокро банд кардани як одами бепартиявӣ муаллифи шикоятро ба ҳайрат ва ғазаб оварда буд.

Дар охири аризаи бо ӯзбекӣ навишташуда аз чӣ бошад ду ҷумла: «Возникает вопрос: куда смотрит руководство Госкомпечати УзССР? Куда смотрит руководство издательства?» ба забони русӣ, ба ранги сурх навишта шуда буд.

«ДУМ»-АШРО ХУДАТ МЕМОНДАГИСТӢ...»

Рӯзе Саид Аҳмадака ба нашриёт сим зад:

– Дар бораи Абдуллоака (Абдулло Қаҳҳор) китоби хотираҳо баровардан мехостаед, Кибриёпа мақола навиштанамро илтимос карда буд, дастнависро ба ту мефиристам, хонда мебаромадагистӣ.

– Хуб шудааст, – гуфтам.

– Фақат як илтимос, – гуфт устод, – ман ба фарқи «х»-и «дум»-дор ва «х»-и «бедум» намеравам, худат «дум»-и даркориро мегузоштагистӣ.

– Гап нест, хотирҷамъ шавед, – гуфтам табассумомез.

– Лекин Саид Аҳмадакам хеле тупой будааст, нагӯй гуфта ба ин ҷо-он ҷо «дум» гузоштам, боз менигаристагистӣ, – гуфт ӯ ва хайрухуш кардем.

Баъди ду-се соат дастхат расида омад. Кушода бинам, устоди баракатёфта аз «Аҳмад», «ҳаво», «ҳусн», «ҳалво», «ҳамшира» барин калимаҳо «дум»-ро гирифта партофта, ба зери «хат», «харидор», «хайрият», «хавотир» бемалол «дум» гузошта баромадааст.

Мутарҷим
Муҳаммад ШОДӢ.
(Аз китоби «НАВОӢ-30»).

«ВОҲӮРИИ ФАРҲАНГӢ:

РУСИЯ – ЎЗБЕКИСТОН»

Чунин ном дорад намоиши осори ҳунарии мусаввирони ду кишвар, ки дар нигористони Иттифоқи рассомони Маскав баргузор гардид. Ба ҳукми мухлисони санъати тасвирӣ беш аз 200 асари устодони мӯқалами Ӯзбекистон ва Русия ҳавола гардид.

Воқеан чорабинии мазкур идомаи намоиши маҳз чунин расмҳо дар нигористони Дӯстбой, ки воқеъ дар рӯ ба рӯи майдони Регистони шаҳри Самарқанд дар моҳи майи соли равон ба вуқӯъ пайваста буд.

– Дар замири лоиҳаи тарафайн дӯстии халқҳо нуҳуфтааст, – иттилоъ дод роҳбари анҷумани мазкур, рассоми номдори рус Ирина Коваленко, – чун дар Самарқанд рангҳо, чеҳраҳо, ҷилоҳо гӯё бо тамошобинон ба тарзи асроромез ҳарф мезананд, рози дил мекушоянд, ки ба назари ман мутафаккирона, андешамандона, пуршукӯҳ...

Намоиши олами рангҳо дар умқи рангҳо ба меҳмонону мизбонони пойтахти Русия таассуроти калон гузошт.

Рассомони Русия тобистони соли равон ба Самарқанд, Бухоро, Шаҳрисабз, хосатан деҳаи хушҳавои Гелон (Қашқадарё) сафар карда, бо як олам таассурот ва асарҳои тозабунёд бозгашт намудаанд, ки аксарияти онҳо зебу зинати нигористони мо аст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.